# АННОТАТСИЯ

**ба кори диссертатсионии Умарова Саодатхон Иброҳимовна дар мавзӯи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии таъмини рушди устувори зеркомплекси шаробсозии минтақа (дар мисоли маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти минтақавӣ)**

**Калидвожаҳо:** механизми ташкилию иқтисодӣ, зеркомплекси шаробсозӣ, истеҳсоли ангур, технологияи инноватсионӣ, самаранокии иқтисодӣ, рақобатпазирӣ, тағйироти сохторӣ ва институтсионалӣ, кластери токзор, маҳсулоти шароб

**Мубрамияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ**. Марҳилаи муосири рушди соҳаи токпарварӣ барои табдилдиҳии сифатӣ талаботи калон ба миён мегузорад. Дар ин замина, афзоиши минбаъдаи самаранокӣ ва рақобатпазирии зеркомплекси шаробсозӣ ҳамчун фоиданок барои низоми иқтисодии комплекси агросаноатӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Муайян намудани самтҳои имконотҳо ва моделҳо барои истифодаи потенсиали зеркомплекси шаробсозии минтақа, интихоби дастурҳои стратегии рушд ва ноил шудан ба онҳо, фароҳам овардани шароит барои фаъолияти самарабахш ба ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ дар асоси дастгирии давлатӣ, танзим ва идора боиси зарурати таҳияи заминаи назариявӣ ва методологии рушди устувори онро таъмин мегардонад.

**Ҳадафи тадқиқоти диссертатсионӣ** иборат аз таҳияи асосҳои илмии методологӣ, тадбиқи амалӣ ва тавсияҳо ба ташаккули механизми ташкилию иқтисодии рушди устувори зеркомплекси шаробсозии минтақа мебошад.

**Навгониҳои илмии тадқиқот** аз таҳияи муносибатҳои методологӣ барои асоснокии принсипҳо ва дастурҳои асосии рушди устувори зеркомплекси шаробсозии минтақа мебошад. Натиҷаҳои асосии тадқиқот, ки навгонии илмии онро муайян мекунанд ва ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, мансубанд: асосҳои методологӣ дар асоснокии рушди зеркомплекси шаробсозии минтақа умумигардонӣ карда шудааст; омилҳои ба низом даровардашуда барои таъсири рушди устувори зеркомплекс; самтҳои тағироти сохторию институтсионалӣ дар зеркомплекси шаробсозии минтақа асоснок ва муайян карда шудааст; барои такмили механизми давлатӣ ва ҳавасманкунии фаъолияти соҳибкорӣ дар зеркомплекси шаробсозӣ барномаҳо пешниҳод карда шудаанд.